*Ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА -029*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*
*731025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кучаи Рудакӣ, 17*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа Атоулло Мухторович Атоев ба диссертатсияи доктории Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи "Ислом ва арзишҳои дунявӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

## Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи доктории Абдухалилзода К.А. дар мавзуи "Ислом ва арзишҳои дунявӣ" – ро ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати сохтор кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Он ба талаботи кори илмӣ ва самти ихтисоси 09.00.14 - "Фалсафаи дин ва диншиносӣ" пурра муворфиқат менамояд. Диссертант дар рисолаи илмии худ пеш аз ҳама масъалаҳои фалсафии омилҳои иҷтимоии пайдо шудани дини ислом, таъсири динҳои дигарро дар пайдоиши он, мақом ва накши омилҳои дунявиро дар пирӯзӣ ва интишори ислом, таҳаввули таълимоти исломро вобаста ба шароитҳои таърихию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа мавриди таҳлил ва таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

**Мубрамияти мавзуъ.** Дар мубрам будани мавзуи интихобнамудаи диссертант "Ислом ва арзишҳои дунявӣ" ҷойи тардид нест. Ҷустуҷӯҳои илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мавзуи зикршуда бо чунин унвон аз мадди назари чӣ донишмандони хориҷӣ ва чӣ дохилӣ бо сабабҳои гуногун дур мондааст. Дуруст аст, ки ҳам дини ислом ва ҳам дунявият дар зерматнҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз донишмандони чӣ дохилию чӣ хориҷӣ гардидааст. Аммо таҳқиқи мавзуи "Ислом ва арзишҳои дунявӣ" аз лиҳози танқидӣ ба таври системавӣ дар таълифоти

ҳеҷ яке аз донишмандон ба мушоҳида намерасад. Аз ин нуқтаи назар, ҳам мавзуъ ва ҳам усули нигориши он нав буда, як иқдоми ҷиддӣ дар баррасии таҳлилӣ-танқидии мавзуи мавриди назар аст.

Сониян, муҳити имрӯзаи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа далели равшани мубрамияти мавзуи интихобнамудаи диссертант аст. Ҷомеаҳои пешқадами башарии имрӯза аз банду басти шаклҳои асримиёнагии ҳаёт ва тарзи идоракунии ҷомеа раҳоӣ ёфта, кайҳо боз тарзи ҳаёти дунявиро интихоб намудаанд. Таҳлилу омӯзишҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки чунин роҳи рушд воқеан ҳам роҳи дуруст, боэътимод ва мусолиматомез ба шумор меравад. Кишварҳои чунин роҳи рушдро интихоб намуда, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба дастовардҳои назаррас соҳиб гардидаанд. Яъне, маҳз роҳи дунявии инкишоф имкон дорад, ки ҷомеаро ба ҳадафҳои дурнамои худ расонида, ба аҳли он хушбахтирпо таъмин намояд.

Новобаста ба ҳамагонӣ гардидани роҳи дунявии инкишофи ҷомеа дар ҷомеаҳои имрӯзаи мусулмоннишин ду раванди моҳиятан ба ҳам муқобилро барҷаста мушоҳида кардан мумкин аст. Аз як тараф, дар зери таъсири нерӯ гирифтану густариш ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ, махсусан тавсеа ёфтани равандҳои дунявишавӣ дар иддае аз кишварҳои мусулмоннишин пайдо шудану қувват гирифтани тамоюлҳои дунявигароӣ равшан ба чашм мерасад, ки аз ногузирии дунявият ва ҷойгоҳи афзалиятноки арзишҳои дунявӣ гувоҳӣ медиҳанд. Ба таври барҷаста ва хеле равшан дидан мумкин аст, ки ҳатто тарзи зиндагии таблиғгарони дин либоси дунявӣ касб намуда, ногузирии дунявиятро дар ҳаёти ҷомеа асоснок менамоянд. Аз тарафи дигар, новобаста ба чунин равандҳои мусбӣ ва манфиатбахш ҳамзамон мубориза бар муқобили чунин раванд аз тарафи қишрҳои дингаро тадриҷан нерӯ гирифта истодааст. Дар ин самт ҳатто метавон қайд намуд, ки тақвият ёфтани раванди зиддидунявӣ ба сатҳи ифрот рафта расида, масъалаҳои бунёди хилофат, эҳёи арзишҳои динии исримиёнагӣ, муқовимат ба низомҳои демократӣ, эътироз бар зидди авлавияти қонунҳои хусусияти дунявидошта ва дар баъзе кишварҳои мусулмоннишин ҳатто муборизаҳои

мусаллаҳонаро ба миён овардааст. Боиси нигаронист, ки солҳои охир ба чунин равандҳои номатлуби хатарнок ҳатто қисме аз ҷавонон низ ҷалб шуда истода, ҳам барои кишвари худ ва ҳам барои ҷомеаи башарӣ хатар эҷод карда истодаанд. Таҳдид ва хатари чунин ҷавонон барои ҷомеаи башарӣ, махсусан барои кишвари худ дар он ифода меёбад, ки онҳо мубориза ба муқобили равандҳои дунявиро ҳадафи асосии фаъолияти динӣ-сиёсии хеш қарор додаанд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки густариш ёфтани чунин раванд, чуноне ки таъкид карда шуд, на танҳо ба ояндаи чунин ҷавонони гумроҳ, ба тақдири арзишҳои демократию дунявӣ, балки ба ояндаи худи ҷомеа хатари азим эҷод менамояд. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи мавзуи "Ислом ва арзишҳои дунявӣ" аз лиҳози методологӣ ва таҳқиқи илмии муҳити ташаккулёфта, муҳим ва ҷавобгӯи талабот маҳсуб ёфта, ногузирии дунявият ва афзалияти низоми дунявиро ҳамчун низоми қонеъкунандаи талаботҳои ҳам моддию ҳам маънавии аҳли ҷомеа ба маъраз мегузорад. Таҳқиқи мавзуи мазкур ба таври назариявӣ собит менамояд, ки ислом ҳамчун дин ба таври амалӣ вобаста ба муҳит пайваста тағйир ёфта, дар шароитҳои нав метавонад таҳаммулпазириро пеша намуда, ҳамқадами замон бошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия.** Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотӣ низ ба меъёрҳои муқарраргардида ва методологияи илмӣ мутобиқ мебошад. Муаллиф сарчашма ва осори таҳқиқотии зиёдро мавриди омӯзиш қарор дода, бо усули таърихӣ-муқоисавӣ онҳоро таҳқиқ намудааст. Диссертант хеле равшан таҳқиқталаб будани мавзуи диссертатсионии худро собит намуда, нишон додааст, ки мавзуъ ба таври зарурӣ таҳқиқ нагардидааст.

Бахшҳои дигари диссертатсия, аз қабили предмет, объект, ҳадафу вазифаҳо, навгониҳо ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо ҳам робитаи мантиқӣ дошта, мувофиқ ба талаботи илмӣ таҳия шудаанд. Маҳорати диссертант дар ҳамоҳангсозӣ ва аз лиҳози мантиқӣ бо ҳам алоқаманд гардонидани масъалаҳои мазкур сазовори дастгирист.

Навгониҳои натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои дифоъ пешниҳод гардидаанд, ҳамагӣ асоси илмӣ дошта, бо равиши хоси диссертант бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Огоҳӣ бо мазмуну муҳтавои диссертатсия аз он гувоҳӣ медиҳад, диссертант ба мавзуи мазкур бори аввал ворид шуда, онро ба таври системавӣ ҳамчун як назарияи том таҳқиқ намудааст.

Диссертант ҷанбаҳои методологии мафҳуми дунявиятро мавриди таҳлил қарор дода, дар баробари баррасии афкори дунявии баъзе мутафаккирони Дунёи қадим, асрҳои миёна, давраи Эҳё ва Замони Нав боз ҷойгоҳи арзишҳои дунявиро дар динҳои яҳудия ва масеҳия низ ҳамчун динҳои сомии тоисломӣ таҳқиқ намудааст, ки бешак дорои аҳамияти методологӣ мебошад, зеро динҳои мазкур бо дини ислом ба гурӯҳи динҳои сомӣ тааллуқ дошта, ҳам аз лиҳози макони пайдоиш ва ҳам аз лиҳози такрори баъзе қисматҳо умумият доранд. Бинобар ин, таҳқиқи ҳадафҳои дунявӣ дар яҳудия ва масеҳия барои баррасии мавзуи арзишҳои дунявӣ дар ислом заминаи назариявӣ таҳия месозанд ва аз ин нуқтаи назар, пайдарҳамӣ ва робитаи мантиқии мавзуҳои диссертатсияро ба маъраз мегузоранд, ки бидуни тардид ҷанбаи мусбии диссертатсия маҳсуб меёбад.

Барои таҳқиқи воқеъбинона тақсим намудани ислом ба исломи назариявӣ ва амалӣ ва дар ҳар як самт алоҳида гузаронидани таҳқиқот яке аз дастовардҳои мантиқан дуруст ва назаррраси диссертант маҳсуб меёбад. Тақсимоти мазкур ба диссертант имкон додааст, ки хулосаю натиҷаҳои таҳқиқот муътамад, воқеъбинона ва илман асоснок бошанд. Доир ба исломи назарӣ диссертант оятҳои зиёдеро аз Қуръон ба риштаи таҳлил кашида, ба чунин хулосаи дуруст доир ба таълимоти ислом омадааст, ки “ба шахси дини исломро қабулнамуда талқин карда мешавад, ки ин дунё бо тамоми арзишҳояш бо шумули зану фарзанд ва оила дар муқоиса бо арзиши олии динӣ - ба даст овардани ризоияти Худо ночиз аст, аз ин рӯ вай бояд барои сазовор гардидан ба ҳаёти ҷовидона бо зиндагии пурфараҳу лаззатбахш дар он дунё талош намояд”(саҳ. 137).

Ҳамчунин таҳқиқи масъалаи ҳокимият дар исломи амалӣ – фаъолияти амалии пешвоёни дин низ аз хидматҳои арзандаи диссертант маҳсуб меёбад. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки ҳокимияти амалии Муҳаммад аз Мадина оғоз мегардад. Лекин мавҷудияти ҳадисе, ки онро якчанд муаллиф ёдовар шудаанд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи ҳокимият дар зершуури Муҳаммад аз оғоз вуҷуд доштааст. Диссертант бо овардани мисолҳои зиёд аз фаъолияти динӣ-сиёсии Муҳаммад собит месозад, вай пайваста барои мустаҳкам гардонидани ҳокимияти худ мекӯшидааст.

Хулоса, навгониҳои илмии диссертатсия дар самти таҳқиқот чашмрас буда, аз муҳтавои таҳқиқоти илмӣ маншаъ гирифтаанд ва мазмуну муҳтавои диссертатсияро ифода менамоянд. Навгониҳои пешниҳодшуда бо ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг буда, аз лиҳози илмӣ дар сатҳи зарурӣ асоснок карда шудаанд.

**Асосноккунӣ ва эътимоднокии хулосаҳо.** Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ аз мазмуну муҳтавои диссертатсия сарчашма гирифта, ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ мебошанд. Хулосаҳо дар робитаи зич ва натиҷагирии бевосита аз бобҳо ва зербобҳои диссертатсия пешниҳодшуда, мантиқӣ ва илмӣ мебошанд.

Ҳамчунин тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда низ асоснок ва боэътимод буда, дар заминаи хулосаҳои бардоштшуда пешниҳод гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмию амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия ба таври возеҳ нишон дода шудаанд. Саҳми шахсии диссертант дар иҷрои кори таҳқиткотӣ равшан ба чашм мерасад. Иштироки муаллиф дар конференсияҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маърузаҳои ӯ дар онҳо аз мавқеи хос ва мустақилияти андешаҳои диссертант гувоҳӣ медиҳанд. Мақолаҳои чопнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсия тақризшаванда аз ҷиҳати сохтор ба талаботҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Муқаддима, боби заминавӣ ва бобҳои баъдинаи диссертатсия бо ҳамдигар робитаи мантиқӣ дошта, ҳамдигарро пурра менамоянд.

Дар боби якуми диссертатсия "Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи дунявият" диссертант дар зербоби якуми он "Моҳият ва мундариҷаи мафҳум" дар се зербахш моҳият ва мундариҷаи мафҳумро амиқ ва васеъ таҳлил намуда, фаҳмиши нави мафҳуми мазкурро пешниҳод намудааст, ки воқеан ҳам хеле муфид буда, дорои аҳамияти зиёди илмию амалӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия " Заминаҳои дунявият дар ислом" муаллиф кӯшидааст, ки заминаҳои дунявиятро дар ҳамаи марҳилаҳои рушди он - аз заминаҳои пайдоиши ислом сар карда то густариши он бо далелҳои муътамади таърихӣ нишон диҳад. Аҳамияти илмӣ-амалӣ ва иҷтимоӣ дар таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки он дунявиятро бо мақоми барҷастаи арзишҳои дунявӣ аллакай дар марҳилаҳои ибтидоии пайдоишу рушди ислом ба таври назариявӣ нишон дода, ногузирии онро бо фактҳои таърихӣ собит намудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки ба таҳқиқи мавзуи "Ҳаракатҳои дунявигароӣ дар ҷаҳони ислом" бахшида шудааст, диссертант онро бо таҳқиқи мавзуи таҳаммулгароӣ оғоз намуда, таҳаммулгароиро чун шакли зуҳури дунявият ва муросокорӣ бо навгониҳои гуногунҷабҳаи ҷомеа ба қалам додааст. Бояд эътироф намуд, ки таҳқиқи мавзуи таҳаммулгароӣ, ки ба таҳлили таълимоти Қуръон такя намуда, баъдан дар заминаи омӯзиши таълимоти Имоми Аъзам идома меёбад, як дастоварди хуб ва муфид барои ҷомеаи имрӯзаи мо ба ҳисоб меравад. Аҳамияти амалию иҷтимоии мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар муқовимати назарӣ ба андешаҳои тундгаро ва ифротие ифода меёбад, ки дар байни иддае аз

ҷавонони кишвар баъзан ташаккул меёбанд.Чунин як шакли зуҳури таҳаммулгароӣ муносибати некхоҳонаи дини ислом нисбат ба тамоми башарият новобаста аз эътиқоди динии онҳо аст. (саҳ.188 ). Дар робита ба ҳадафи пайгиришуда диссертант баъзе аҳодис ва чанд оят аз Қуръонро ёдовар шуда, ба таври илова ҷанбаҳои таҳаммулпазирии мазҳаби ҳанафиро муфассалтар мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки албатта, сазовори дастгирист.

Дар зербобҳои баъдина диссертант раванди дунявигароиро дар иддае аз кишварҳои араб, Эрон ва Ҳиндустон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқи мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки диссертант сабабу омилҳои тавлиди ҳаракатҳои дунявигароиро дар кишварҳои мазкур таҳқиқ намуда, чунин бардошти комилан дуруст намудааст, ки маҳз қафомонии ҳаматарафи кишварҳои номбаршуда, набудани низоми маорифи дуруст ва мавҷудияти нобаробарии гендерию маҳдудии ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон пеши роҳи рушди ҷомеаҳои мусулмоннишинро дар тули садсолаҳои сипаришуда гирифта будаанд. Огоҳӣ аз илму маорифи Ғарб ва ҳуқуқу озодиҳои васеи шаҳрвандон намояндагони пешқадам ва меҳанпарасти кишварҳои номбурдаро водор менамояд, ки ғарбгароиро дар фаъолияти сиёсӣ – тарғиботии хеш ба таври васеъ ба роҳ андозанд.

Дар робита ба масъалаи матраҳшаванда диссертант комилан дуруст қайд намудааст, ки “раванди равшанандешӣ низ дар навбати худ баъд аз он оғоз мегардад, ки шахсиятҳои пешқадам ва меҳанпарасти Эрони дар баҳри арзишҳои динӣ-хурофотии асримиёнагӣ ғӯтида ақибмонии ҳаматарафаи кишвари худро равшан эҳсос мекунанд. Онҳо масъалаи дунявии барои ҷомеаи онрӯзаи Эрон хеле муҳим ва зарурӣ – тараққӣ додани ҷомеаро дар мадди аввал гузошта, роҳи ягонаи ноилшавӣ ба ин ҳадафро дар оғоз дар ғарбгароӣ мебинанд” (саҳ.243 ).

Аҳамияти амалӣ ва иҷтимоии таҳқиқ ва бардоштҳои муаллиф аз боби мазкур дар он ифода меёбад, ки далелҳои муаллиф ва хулосаҳои вай бар зидди равандҳои исломгароёни бунёдгарои ҷомеаи мо метавонанд

силоҳи қавӣ ва боэътимод бошанд ва таҳдиди афкору андешаҳои хатарноки онҳоро нишон диҳанд.

Қобили зикр аст, ки аҳамияти илмӣ-амалӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертант, аз ҳама зиёдтар, дар боби чаҳорум равшан нишон дода шудааст. Диссертант бар хилофи мавқеъ ва талоши исломгароёни ифротӣ ва тундгаро ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бо далелҳои илман асоснок ва муътамад нишон додааст, ки бешак яке аз хидматҳои шоёни диссертант маҳсуб меёбад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда.** Натиҷаҳои диссертатсия дар 19 маҷаллаи тақризшаванда мутобиқ ба талаботҳои илмӣ дар тули зиёда аз даҳ сол ба нашр расидаанд.

**Мутобиқати барасмиииятдарории диссертатсия ба талаботи** КОА. Диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” дар қатори комёбиҳо аз баъзе камудиҳо низ холӣ нест.

1. Ба ҳамагон маълум аст, ки ахлоқ низ яке аз арзишҳои хеле муҳим ва зарурии ҳар гуна ҷомеа маҳсуб меёбад. Дар диссертатсия ба мавзуи мазкур таваҷҷуҳ камтар ба мушоҳида мерасад.

2. Дар диссертатсия ҳаракатҳои дунявигароӣ дар ҷаҳони араб, Эрон ва Ҳиндустон таҳқиқ шудааст, аммо дар Тоҷикистон аз мадди назар дур мондааст. Бисёр хуб мешуд, ки мавзуи мазкур низ мавриди таҳқиқ қарор мегирифт.

3. Хуб мешуд, ки дар зербоби алоҳида ҳамчунин муносибати ислоҳгарони дин ба арзишҳои дунявӣ равшан карда мешуд.

4. Дар диссертатсия баъзан хатоҳои имлоӣ низ дучор мегардад.

**Новобаста аз камбудиҳои зикргардида диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ сазовор мебошад.**

Муққаризи расмӣ:

Доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ-и
“ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” Атоев А.М.
18.09.2024

Суроға: (735700) Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш.Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1
Телефони мобилӣ: (+992) 927-73-21-23
Почтаи электронӣ: Otella64@mail.ru

Имзои доктори илмҳои фалсафа,
профессор Атоев А.М. – ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Ҳусейнова З.А.